# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Давлатов Умаралӣ Мирзоалиевич дар мавзуи «Убайд Раҷаб ва анъанаи ёддоштнависӣ дар адабиёти муосири тоҷик» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.00. – Адабиётшиносӣ (10.01.01 – Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ) пешниҳод мегардад.**

Ташаккули адабиёти муосири тоҷик бо мароҳили пешинаи сайри таърихии он иртиботи қавӣ дошта, муҳимтарин анъанаҳои адабиёти солҳои бисту сӣ ва чиҳилу панҷоҳро идома бахшидааст ва дар баробари ин, худ инкишофу такмил ёфтааст. Устод Садриддин Айнӣ дар ин ҷода нахустин қадамҳои ҷиддиро гузошт, ки мисоли барҷастаи он таълифи «Ёддоштҳо»-и ӯ буд. «Ёддоштҳо» асари чаҳорҷилдаи маҳсули ҳамин давра аст, зеро он, аз як ҷониб, ҳам ҷустуҷӯҳои эҷодии дуру дарози Айниро ҷамъбаст кардааст, аз сӯи дигар, муҳимтарин тамоюлоти инкишофи баъдии насри тоҷик тавассути он муайян гардидааст. Ҳамин тариқ, дар баробари рушду такомули очерку повест ва роману достон, жанри ёддошт ҳам аз пешрафти чашмгире бархӯрдор гардидааст.

Зикр кардан ба маврид аст, ки зери таъсири осори саргузаштиву ёддоштии устод Айнӣ адибони зиёде дар мактаби вай тарбият ёфта, анъанаи ёддоштнависии тоҷикро идома доданд. Чунончи, устодон Ҷалол Икромӣ, Сотим Улуғзода, Фазлиддин Муҳаммадиев, Урун Кӯҳзод, Абдулҳамид Самад, Саттор Турсун, Убайд Раҷаб ва амсоли инҳоро метавон баъд аз устод Садриддин Айнӣ маъруфтарин ва ҳунармандтарин нависандагони ёддоштнависи муосири тоҷик маҳсуб દониста, кӯшишҳои онҳоро чун идома ва рушди мактаби устод Айнӣ дар бахши насри фавқуззикр эътироф кард.

Таҳқиқи диссертатсионии Давлатов Умаралӣ фарогири чунин масъалаҳои муҳим буда, дар муаррифии осор ва баррасии ёддоштҳои Убайд Раҷаб маводи фаровон манзур менамояд. Диссертант дар таълифи кор аз усулу равиши муқоисавӣ, таърихӣ истифода намуда, аз таҳқиқоти муҳаққиқони соҳибноми дохилию бурунмарзӣ, ҳамчун устод С.Айнӣ, Ҷалол Икромӣ, Сотим Улуғзода, Фазлиддин Муҳаммадиев, Ӯрун Кӯҳзод, Абдулҳамид Самад, Саттор Турсун, Маликушшуаро Баҳор, С. Шамисо ва амсоли онҳо суд ҷустааст.

Диссертатсия аз муқаддима, се боб, даҳ фасл, хулоса ва феҳристи адабиёти истифодашуда иборат буда, муаллиф бо диду назари тоза, корбурди манобеи муҳими адабию илмӣ, муқоисаву муқобилаи афкори назарияпардозони дохилию бурунмарзиро бо далоили муътамад мавриди пажӯҳиш қарор додааст.

Дисертант дар қисмати муқаддимаи диссертатсия чун анъана мувофиқи талаботи муқарраршуда роҷеъ ба аҳамият ва зарурати таҳқиқ, дараҷаи азхудшудаи масъалаи илмӣ, усулҳои таҳқиқот, заминаҳои назариявию

методологӣ, ҳадаф ва , объекти таҳқиқот, саҳми шахсии муаллиф,арзишҳои назарӣ ва амалӣ сухан дар миён гузоштааст.

Боби якуми корро диссертант - "**Жанри ёддошт ва мавқеи он дар насри муосири тоҷик**" ном ниҳодааст, ки фарогири се фасл мебошад. Муаллиф, аввалан кӯшидааст, ки навъҳои насрро дар адабиёти навини тоҷик тасниф намояд, баъдан роҷеъ ба жанри ёддошт ва сайри таҳаввули ёддоштнависӣ дар адабиёти форсу тоҷик, ҳамчунин, оид ба суннатгароӣ ва навпардозӣ дар ёддоштнависии муосири тоҷик таҳқиқи ҳамаҷониба анҷом диҳад ва дар ин амр диссертант хело муваффақ ҳам, гардидааст.

Диссертант фасли аввали ин бобро– **"Таснифоти анвои наср дар адабиёти навини тоҷикӣ"** номгузорӣ намуда, дар он роҷеъ ба табақанбандии анвои наср дар адабиёти давраи нави тоҷик ва масъалаи муайян намудани вижагиҳои жанрии ёддошт мавриди таҳқиқ қарор додааст.

Фасли дувуми боби мазкур **"Жанри ёддошт ва сайри таҳаввули он дар адабиёти форсу тоҷик**" унвон гирифта, баррасии таърихии ташаккули ин навъи адабиро фаро мегирад. Муаллиф дар бораи ёддошт таърифҳои бисёреро, ки аз ҷониби муҳаққиқони соҳаи адабиёт ироа шудаанд, дастабандӣ карда, хулосаи худро оид ба ин мавзуъ баён намудааст.

**"Суннатгароӣ ва навпардозӣ дар ёддоштнависии муосири тоҷик"** фарогирии фасли сеюм буда, диссертант саҳми устод Айниро дар ёддоштнигорӣ дар адабиёти муосири тоҷик мавриди таҳқиқ қарор дода, манбаъҳои илҳоми Убайд Раҷаброро дар тасвири шахсиятҳои барҷастаи адабиёт дар ин жанр бо далелҳои муътамад манзур менамояд.

Боби дуюми диссертатсия **"Убайд Раҷаб ва идомаи суннатҳои ёддоштнависӣ дар адабиёти муосири тоҷик"** ном дошта, аз чор фасл иборат аст.

Дар фасли аввали ин боб – **"Сохтор ва мундариҷаи ёддоштҳои Убайд Раҷаб"** диссертант манобеи асосии сарчашма гирифтани ёддоштҳои Убайд Раҷаброро дар се китоби адиб таҳти унвонҳои "Дӯш будам ҳамнишин", "Марди майдони талош" ва "Зинда ба ишқ" нишон додааст. Инчунин, муҳаққиқ дар ин фасл муқоисаи сохтории ёддоштҳои Убайд Раҷаброро, ки таъсирпазируфта аз осори Садриддин Айнӣ мебошад, мавриди таҳқиқ қарор додааст, ки дорои навгониҳои адабӣ мебошад.

Фасли дувуми боби мазкур **"Вижагиҳои сабкӣ ва тарзи баёни адиб"** унвон дошта, диссертант роҷеъ ба хусусиятҳои забонӣ ва сабки таълифи ёддоштҳои Убайд Раҷаб сухан ба миён овардааст. Ҳамчунин, ӯ иброз медорад, ки забони ёддоштҳои Убайд Раҷаб бисёр рангину мутанаввеъ ва дар насри муосири тоҷик намунаи барҷаста ва хоси худ ба ҳисоб меравад.

Фасли сеюми боби мазбур «**Садриддин Айнӣ дар ёддоштҳои Убайд Раҷаб"** унвон гирифта, дар он чор хотираи адиб оид ба бунёдгузори адабиёти муосири тоҷик мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтаанд.

Фасли чоруми боби дуюм «**Тасвири шахси воқеӣ дар повести "Марди майдони талош"** номгузорӣ шудааст, ки муҳаққиқ роҷеъ ба ҳунари

навсандагии Убайд Раҷаб дар офариниши чеҳраҳои воқеӣ, амсоли Олмуҳаммади Раҷаб андешаҳои қобили мулоҳиза баён доштааст.

Боби сеюми диссертатсия **"Симои аҳли адаб дар ёддоштҳои Убайд Раҷаб ва тасвири чеҳраи муаллиф дар хотироти ҳамқаламон"** унвон гирифта, аз се фасл таркиб ёфтааст.

Фасли аввали ин боб – **"Бозтоби чеҳраи воқеӣ ва адабии Мирзо Турсунзода дар китоби «Зинда ба ишқ»"** ба таҳқиқи ҳунари Убайд Раҷаб ба офариниши чеҳраи адабии ин шоири номвари тоҷик ихтисос ёфтааст. Диссертант дар ин фасл меҳру муҳаббат, самимияту меҳрубониҳои Убайд Раҷабро нисбат ба устоди арҷманд дар китоби "Зинда ба ишқ" воқеъбинона инъикос намудааст.

Диссертант дар фасли дуюми боби сеюм оид ба "**Симои адибони тоҷик дар ёддоштҳои Убайд Раҷаб"** баҳс мегустарад ва хотираҳои устод Убайд Раҷабро дар бораи устодони каломи бадеъ, ба монанди Боқӣ Раҳимзода, Абдусалом Деҳотӣ, Пӯлод Толис, Ҷумъа Одина, Ҳабибулло Назаров , Лоиқ Шералӣ ва амсоли ин шарҳу тафсир мекунад.

Фасли сеюми боби мазкури диссертатсия **"Чеҳраи Убайд Раҷаб дар ёддоштҳои аҳли илму адаб"** ном дошта, ба мақоми адиб дар ёддоштҳои ҳамзамонони ӯ бахшида шудааст.

Дар **хулоса** натиҷаҳои асосӣ оварда шудаанд ва мутолиаи онҳо шаҳодат бар он медиҳад, ки диссертант дар ҳалли вазифаҳои гузошташуда муваффақ шудааст.

Дар маҷмуъ, кори диссертатсионӣ дар мавзуи **«Убайд Раҷаб ва анъанаи ёддоштнависӣ дар адабиёти муосири тоҷик»**, ки аз ҷониби Давлатов Умаралӣ Мирзоалиевич анҷом пазируфтааст, пеш аз ҳама, барои таҳқиқи масоили марбут ба жанри ёддошт арзишманд мебошад.

Маводи диссертатсия метавонад барои пурра кардани ҷои холии мавҷуда дар бахши масоили жанри ёддошт дар китобҳои дарсӣ мавриди истифода қарор гирад. Истифода аз натиҷаҳои таҳқиқот дар таҳияи дастурҳои таълимии соҳаи назарияи адабиёт судманд буда, қобили эътимод мебошанд.

Бо вуҷуди дастовардҳо ва комёбиҳои назаррас дар диссертатсия баъзе камбудиҳоиислоҳпазир ба мушоҳида мерасад, ки бартараф кардани онҳо ба манфиати кор хоҳад буд. Чунончи:

1. Аз мутолеаи автореферат маълум мешавад, ки диссертант бозтоби чеҳраҳои Садриддин Айнӣ ва Мирзо Турсунзодаро дар фаслҳои алоҳида ба риштаи таҳқиқ кашидааст. Ба андешаи мо, агар таҷассуми симои Пӯлод Толисро низ дар алоҳидагӣ таҳқиқ менамуд, арзиши илмии диссертатсия боз ҳам меафзуд, зеро дар бораи ин адиб низ хотираҳои хешро нависанда хеле муфассал ва дар чанд қисса баён доштааст. Аз сӯи дигар, чун зиндагӣ ва осору шахсияти Пӯлод Толис дар адабиётшиносии тоҷик хеле кам таҳқиқ шудааст ва ёддоштҳои Убайд Раҷаб хеле аз нукоти марбут ба рӯзгору эҷоди адибро равшан месозад.

2. Дар автореферат бархе ғалатҳои имлоӣ ва техникӣ ба мушоҳида мерасанд, амсоли (Фарҳод Ҳусейнзода як аз муҳаққиқон... (шакли дурусташ: Фарҳод Ҳусейнзода яке аз муҳаққиқон...) пажуҳиш- пажӯҳиш (с. 6), омӯзищ – омӯзиш с. 7).

Сарфи назар аз камбудиҳои зикргардида автореферати диссертатсия ба забони фасеҳи илмӣ нигориш ёфта, ба талаботи барасмиятдарории диссератсия мутобиқ аст ва муҳтавои онро комилан инъикос мекунад. Муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисос пурра мувофиқат намуда, дастгоҳи илмии он ба талаботи «Дастуруламал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисос, номзади илм ва доктори илм, авторефератҳо ва мақолаҳои илмии чопшуда доир ба мавзуи диссертатсия», ки бо қарори раёсати Комиссияи олии аттестатсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 июни соли 2017, №3/1 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Бинобар ин, диссератсияи Давлатов Умаралӣ Мирзоалиевич дар мавзуи **«Убайд Раҷаб ва анъанаи ёддоштнависӣ дар адабиёти муосири тоҷик»**, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филологӣ аз рӯйи ихтисоси **10.01.00. – Адабиётшиносӣ (10.01.01 – Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ)** пешниҳод гардидааст, кори хотимаёфта ба шумор рафта, ба талаботи «Низомномаи Шурои диссератсионӣ» ва «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ ва муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филологӣ аз рӯйи ихтисоси **10.01.00. – Адабиётшиносӣ (10.01.01 – Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ)** сазовор мебошад.

Доктори илмҳои филологӣ,
директори Китобхонаи марказии илмии
ба номи И. Гандии Академияи миллии
илмҳои Тоҷикистон: Суфизода Ш. З.

Имзои Суфизода Ш.З-ро тасдиқ мекунам:
Мудири шуъбаи кадрҳо: Мусаввирова Ш.

Адрес: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, Хиёбони Рӯдакӣ, 33
Тел: +(992) 907701111
E-mail: **Sufizadeh@gmail.com**